**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**

**___________ Хушвахтзода Қ. Х.**

**«21» 09 2020 с.**

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон) аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович дар кафедраи матбуоти факултети журналистика ба ҳайси аспирант ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Ӯ соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналист хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни «Таърих ва фалсафаи илм», «Забони хориҷӣ», «Ихтисос» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04. 11. 2020 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Муродӣ Мурод Бердӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:**

Нашрияҳои даврии маҳаллӣ ҷузъи таркибии матбуоти даврии умумикишварӣ бошанд ҳам, онҳо хусусиятҳои ба худ хос дорад, ки онро дар таъйиноту вазифа, шаклу мундариҷа, ҳудуд, тарзи пахш, доираи мавзӯъҳо, сатҳи аудитория ва амсоли муайян кардан мумкин аст. Ин

ҷиҳатҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки матбуоти даврии маҳаллӣ бо вуҷуди хусусияти умда доштан, дар низоми матбуоти даврии ин ё он кишвар мақоми хос дорад. Матбуоти маҳаллӣ ҳам аз ҷиҳати фарогирии мавзӯъ ва ҳам аз ҷиҳати ҳудуди пахш нисбатан маҳдуд аст. Таъйиноти нашрияҳои вилоятӣ ва ноҳиявию шаҳрӣ ба куллӣ фарқ мекунанд ва аудиторияи онҳо низ дигар аст.

Дар замони пайвастан ба низоми иттилоотии умумиҷумҳуриявӣ, дигаргун шудани муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин тағйир хӯрдани дарку маърифти воқеиёти ҳаётӣ дар ин самт зарурати таҳқиқотҳои бунёдӣ бештар мегардад. Ин ва дигар омилҳо проблемаҳое мебошанд, ки муҳиммият ва аҳаммияти омӯзишу таҳқиқи мавзӯи мавриди назарро асоснок мегардонанд.

Зарурати интихоб ва таҳқиқи мавзӯъ боз бар он далолат медиҳад, ки дар замони муосир муносибат ба матбуоти даврии маҳаллӣ тағйир ёфтааст. Бахусус шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба ин типи матбуоти даврӣ таъсир гузошт, муносибат ба он дигар шуд. Муносибатҳои нав, аз як тараф, боиси рушди матбуоти маҳаллӣ гардида бошад, аз сӯйи дигар, дар чоп ва интишори онҳо монеаҳо низ ба вуҷуд овард.

Дар пажӯҳиши мавзӯъ аспирант кӯшиш намудааст, ки бо такя ба пажӯҳишҳои бааанҷомрасида ва маводи нашрияҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент – “Зарафшон” ва ноҳияҳои Айнӣ – “Файзи Зарафшон” ва Кӯҳистони Мастчоҳ –“Паёми Кӯҳистон” таҳлилу баррасӣ намуда, раванди ташаккулу инкишоф ва таҳаҳаввули онҳоро бо назардошти доираи мавзӯот, сатҳи завқ ва ҳунару салиқаи журналистӣ, истифодаи воситаҳои инноватсионӣ, дарёфти роҳҳои пешбурди кор нишон диҳад.

Дар диссертатсия бо назардошти хусусияти мавзӯъ, имконияти таҳқиқ ва арзишмандии он, баррасии масъала аз ду ҷанба – таърихи

ташаккулу инкишоф, махсусияти шакливу мундаричавӣ ва вижагиҳои жанрӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ назари худро бо далелҳо асоснок намудааст. Ӯ бо баррасиҳои худ собит месозад, ки нашрияи даврии ин шаҳру ноҳияҳо дар инъикоси ҳодисаву рӯйдод, воқеиятҳои иҷтимоӣ, шарҳу тавзеҳ ва таҳлили вазъияту ҳолат, баррасии масъалаҳои доғи рӯз ва тасвири корнамоиҳои инсонҳои шоиста аз имконоти аксари жанрҳои публитсистӣ истифода намудаанд. Бо вуҷуди ин таносубан истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар ин нашрияҳо гуногун аст. Аз ҷумла, агар дар солҳои 1930, асосан, жанрҳои хабарӣ мавриди истифода қарор дошта бошанд, дар даҳсолаи 1940-1950 жанрҳои таҳлилӣ низ мавқеъ пайдо кардаанд. Дар даҳсолаи 1960 ба баъд бошад нуфузи жанрҳои публитсистиву бадеӣ афзудааст. Истифодаи жанрҳои гуногун, имкон фароҳам овардааст, ки матолиби нашрияҳои маҳаллӣ, аз як тараф, рангоранг, ҷолиб, муассир ва хонданӣ гардад, аз сӯйи дигар, заминаҳои амалӣ барои сабақҳои касбӣ ташаккул ёбад.

Муҳтавои рисола ва таҳлилу баррасиҳои мавзӯъ нишон медиҳанд, ки аспирант ба мақсади бамиёнгузоштаи худ расидааст.

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, дар ҷараёни таҳқиқу таҳлил ва собитсозии назару андеша муаллиф аз манбаъҳои гуногуни таърихӣ, адабиёти илмӣ, маводи матбуоти даврӣ, осори пажӯҳишии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба таърихи журналистикаи тоҷик ва махсусан, матботи даврии маҳаллӣ, ки дар монографияҳо, рисолаҳо, маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва ғайра инъикос гардидаанд, фаровон ва ба маврид истифода намудааст.

Дастовардҳои ин рисоларо метавон дар ҷараёни тадриси фанҳои таърихи журналистика, курсу семинарҳои махсус, таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи журналистика истифода кард.

Натиҷаҳои таҳқиқи аз ҷониби аспирант ба анҷом расонидашуда дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла «Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии Амал «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015» (20.04.2015), Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ» (22.04.2016), Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон» (22.04.2017), Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии Амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (23.04.2018) баён шудааст.

Мазмуни асосии диссертатсияи илмии Ғоибов Саъдӣ Шокирович дар 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯйи нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардада инъикос шудааст:

1. Доир ба як рӯзномаи музофотӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2016, № 4/5 (209).– С. 257 – 261;

2.Чанд сухан доир ба чопи шумораи якуми “Зарафшон” // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2016.– № 4/1 (195). - С. 283 – 285.

3. «Паёми Кӯҳистон» – зодаи истиқлолияти Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020.– № 5. - С. 231 – 236.

4. Аз ташаккул ва ва инкишофи нашрияҳои даврии водии Зарафшон // Осор, Ҷ. IV.– Аржанг, 2017.– С. 206-261.

5. “Паёми Кӯҳистон” ва мушкилоти интишори он // Паёмномаи фарҳанг.– 2017.–№3(39). – С-36-43.

Диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович «Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон)” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мувофиқ буда, он ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, журналистикаи байналхалқӣ, телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” 14 нафар, “зид” ва “бетараф” нест.

Қарори №9 аз 18 сентябри соли 2020.

Мудири кафедраи матбуот, дотсент **Усмонова Н. К.**

Котиби илмӣ,
дотсент **Бозорзода Н. Ш.**

“Тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э. Ш.**

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
www.tnu.tj
тел: (+992) 8342264715